**Қарори**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**«Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ (Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» ва моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироъ, намунаҳои саноатӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ (**Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон**) Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 3 апрели соли 2012, №153**
**ш. Душанбе**